**Такриз**

**ба автореферат ва диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Таҳқиқу омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ин ё он анвои ҷумлаи пайрав дар забоншиносии тоҷик аз аввали солҳои панҷоҳуми садаи гузашта маншаъ гирифта бошад ҳам, баъзе виҷагиҳои сохториву маъноии он аз лиҳози муқоиса ба риштаи пажуҳиш кашида нашудааст.

Рисолае, ки муҳаққиқ ба пажуҳиши он рӯ овардааст, хеле мубрам буда, дар он хусусиятҳои типологии ҳар як анвои ҷумлаи пайрави ҳол мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсия Давлатов Назримад Муродзода «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» унвон дошта, аз муқаддима, се боб, хулосаву рӯйхати адабиёт иборат буда, 188 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддима** роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навоварии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, коркарди мавзуъ, методҳои таҳқиқот, маводи асосии таҳқиқот маълумот дарҷ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия - **«Масъалаҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забоншиносӣ»** ном дошта, сухан доираи омӯзиши онҳо, хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии шарҳу тавзеҳи мафҳуми ҷумлаи мураккаб ҳамчун воҳиди олиташаккули синтаксис, таснифи ҷумлаҳои пайрави забонҳои муқоисашаванда, сермаъноии ҷумлаҳои пайрав, нақши пайвандакҳо ва калимаҳои ҳамнисбат дар созмони ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ меравад.

Боиси хушнудист, ки муаллиф диду назари забоншиносни ватаниву хориҷиро перомуни мавқеи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави ҳол дар низоми наҳви забонҳои тоҷикиву англисӣ мавриди баррасӣ қарор дода, дар ин замина назари мушаххаси худро низ баён намудааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳоли муносибат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ба таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳоли муносибат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, хусусиятҳои монандиву умумият ва тафовути онҳо мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегирад. Ба ҷумлаҳои пайрави ҳоли муносибати забонҳои муқоисашаванда муаллиф ҷумлаҳои пайрави замону макон (subordinate clause of time and place), сабабу мақсад (subordinate clause of cause and aim) ва шарту хилоф (subordinate clause of condition and concession) мансуб дониста, хусусиятҳои типологии ҳар яке аз ин ҷумлаҳои пайрави ҳолро таҳлилу муқоиса намудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки «**Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳоли аломат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» номгузорӣ шудаас,

ҷумлаҳои пайрави ҳоли аломат, ҷумлаҳои пайрави тарзи амали забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки дар асари интихобшуда мавриди истифода ва тарҷума қарор гирифтаанд, таҳқиқ ва таҳлил шудаанд.

Диссертатсия бо хулосаҳои мушаххаси муҳаққиқ ҷамъбаст гардидааст, ки онҳо метавонанд барои аз худ кардани мавзуъ кумак расонад.

Дар баробари муваффакиятҳо баъзе норасоиҳо низ ба назар расиданд, аз ҷумла:

1. Муаллиф дар фасли якуми боби якуми диссертатсия, ки “Ҷумлаи пайрави тарзи амал дар забонҳои муқоисашаванда” ном дорад, бештар хусусиятҳои маъноии ин намуди ҷумлаи пайрави ҳолро таҳлил намудааст. Агар муаллиф тобишҳои маъноии ин анвои ҷумлаи пайравро баррасӣ менамуд, арзиши илмии рисола боз баландар мегардид.

2. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд (с. 5, 9, 13, 33 ва ғ.).

Дар умум камбудӣ ва эродҳои зикршуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, арзиши илмии онро коста намегардонанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мутобиқат буда, гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва мақолаҳои ба чоп расонидаи муҳаққиқро инъикос менамоянд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Муқарриз:
номзади илми филология,
мудири кафедраи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии Данғара Усмониён Нозила Усмон
**Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25;
Тел: (+992) 900-85-38-48;
**Суроғаи электронӣ:** nusmoniyn@bk.ru

Имзои У.Н.Усмониён - ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Асадуллоева Дилором Раҷабалиевна

«23» июни соли 2023

**Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25;
Тел: (+992) 83312 2 2806;
**Суроғаи электронӣ:** dddangara_2013@mail.ru